**1.** **Дар кадом китоби динӣ гуфта шудааст: *“... Дар ҷаҳон ду гавҳар вуҷуд доранд: яке Нек (Худо) ва дигаре Бад (Аҳриман), ки ҳеҷ гоҳ бо ҳамдигар сулҳу созиш намекунанд”***

**A)** Авесто **B)** Таврот **C)** Қуръон **D)** Ригведа

**2.** **Харобаҳои шаҳри Афросиёб дар куҷо ҷойгир аст?**

**A)** Панҷакент **B)** Самарқанд **C)** Бухоро **D)** Хуҷанд

**3.** **Дар кадом ҷанг Сосониён дирафши Ковиёнро аз даст доданд?**

**A)** ҷанги Ҷалуло
**B)** ҷанги Наҳованд
**C)** ҷанги Занҷир
**D)** ҷанги Қодисия

**4.** **Бо хатти сиёҳи ғафс дар харита ҳудуди ... нишон дода шудааст.**




**A)** лашкаркашиҳои салибӣ
**B)** паҳншавии дини Ислом
**C)** паҳншавии дини масеҳӣ
**D)** мулкҳои истилокардаи муғулҳо

**5.** **Аввалин мадраса дар кадом шаҳри Осиёи Марказӣ бунёд ёфт?**

**A)** Бухоро **B)** Самарқанд **C)** Марв **D)** Хуҷанд

**6.** **Кадом амири сомонӣ Бухороро пойтахти давлат қарор дод?**

**A)** Аҳмад ибни Асад
**B)** Исмоили Сомонӣ
**C)** Насри II ибни Аҳмад
**D)** Аҳмад ибни Исмоил

**7.** **Кадом амири сомонӣ дар замони ҳукмрониаш аъзои ҳаракати қарматияро қатли ом намуд?**

**A)** Исмоили Сомонӣ
**B)** Насри II ибни Аҳмад
**C)** Нӯҳ ибни Наср
**D)** Аҳмад ибни Исмоил

**8.** **Кадом намуди заминдорӣ дар замони ҳукмронии муғулҳо ба вуҷуд омад?**

A) иқтаъ B) ҳурри холис C) вақф D) инҷу

**9.** **Соҳиби суюрғол чӣ гуна уҳдадорӣ дошт?**

A) ёрӣ расонидан дар ҷамъоварии андоз
B) ширкат кардан дар ҷамъоварии ҳосил
C) ёрӣ расонидан ба артиши хони муғул
D) дар муддати ду сол ҳимоя кардани сарҳади давлат

**10.** **Аъзои ҳаракати Сарбадорони Хуросон чӣ уҳдадорӣ дошт?**

A) супоридани андоз ба давлат
B) ҳамкорӣ бо туркони бодиянишин
C) тоқатпазирӣ ба зулм ва бедодгарии ҳокимон
D) махфӣ нигоҳ доштани узвият, ҳамеша мусаллаҳ будан

**11.** **Сухан дар бораи кадом давра меравад:** ***"Дар Осиёи Марказӣ… дар қатори се давлати мустақил: аморати Бухоро, хониҳои Қӯқанд ва Хева боз якчанд мулкҳои ниммустақил… вуҷуд доштанд"***

A) охири асри XIX
B) давраи барпо гардидани Ҳукумати Шӯравӣ
C) арафаи ҳуҷуми қӯшунҳои Русияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна
D) давраи тақсимоти миллӣ- марзӣ дар Осиёи Миёна

**12.** **Дар кадом ҳуҷҷат гуфта шудааст:** ***"Беистисно аз тамоми молҳое, ки ба тоҷирони рус тааллуқ доранд… дувуним фоизи арзиши мол ситонида мешавад. Ғайр аз ин, дигар ҳеҷ гуна закоти иловагӣ гирифта намешавад"***

A) Низомнома дар бораи идоракунии кишвари Туркистон
B) Шартномаи байни Русия ва Бухоро аз 23-юми июни соли 1868
C) Шартномаи байни Русия ва Бухоро аз 28-уми сентябри соли 1873
D) Шартномаи байни Англия ва Афғонистон аз 26-уми майи соли 1879

**13.** **Сухан дар бораи кӣ меравад?** ***"Ӯро дар ҷавониаш ба ҳайати сарбозони ҳокими Кӯлобу Балҷувон Сарабек (Сарахон) сафарбар намуданд ва соли 1870 дар ҷангҳои муқобили қушӯнҳои амири Бухоро – Музаффархон ширкат варзидааст".***

A) Остонақул B) Иброҳимбек C) Восеъ D) Салимпошшо

**14.** **С. Айнӣ дар бораи кӣ гуфтааст:** ***"Чун ғуломи ҳалқабаргӯши колонизаторон тарбия гирифт"?***

A) Абдулаҳад B) Насрулло C) Олимхон D) Музаффар

**15.** **Мақсади сафарбарии аҳолии Осиёи Марказӣ ба Ҷанги Якуми Ҷаҳон аз чӣ иборат буд?**

A) меҳнат дар ақибгоҳ
B) муҳофизати сарҳад
C) иштирок дар амалиётҳои ҳарбӣ
D) иштирок дар амалиётҳои чирикӣ

**16.** *“Аз ҳар кас мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас мувофиқи меҳнаташ!”* **– шиори ҷомеаи ... буд.**

A) ғуломдорӣ B) феодалӣ C) сармоядорӣ D) сотсиалистӣ

**17. Муҳорибае, ки гардиши куллиро дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба амал овард.**

A) муҳорибаи назди Москва
B) муҳорибаи дарёи Висла
C) муҳорибаи Сталинград
D) шикасти муҳосираи Ленинград

**18. 15-уми ноябри соли 1972 дар ҶШС Тоҷикистон кадом воқеаи муҳим рӯй дод?**

A) Заводи азотии Вахш ба кор даромад.
B) Заводи арзизи Тоҷик ба кор даромад.
C) Агрегати аввалини НБО-и Норак ба кор даромад.
D) Заводи трансформаторбарории Қӯрғонтеппа ба фаъолият оғоз намуд.

**19. Соли 1949 кадом ташкилоти кишварҳои сотсиалистӣ таъсис ёфт?**

A) Созмони Аҳдномаи Варшава (САВ)
B) Иттиҳоди иқтисодии Аврупо (ИИА)
C) Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)
D) Шӯрои Ёрии Иқтисодии Байниҳамдигарӣ (ШЁИБ)

**20. Чӣ баҳонаи оғози инқилоби соли 1979 дар Эрон бар зидди режими шоҳӣ гардид?**

A) қиёми мардум ва донишҷӯёни донишгоҳҳои Қум
B) таъсиси ҳукумати муваққатӣ бо сарварии Маҳдии Бозаргон
C) ба вуҷуд омадани бухрони ахлоқӣ ва маънавӣ дар ҷомеаи Эрон
D) қатли Мустафо ва мақолаи таҳқиромез дар рӯзномаи “Иттилоот”

**21. Бундестаг – ...- и Олмон аст.**

A) прокуратура
B) ҳокимияти судӣ
C) вазорати мудофиа
D) палатаи поёнии парламент

**22. Сухан ба кӣ тааллуқ дорад:** ***“Ман орзу дорам, ки рӯзе мерасад, то писарони ғуломони собиқ ва писарони ғуломдорони собиқ метавонанд дар сари теппаҳои Ҷорҷия якҷоя дар атрофи мизи бародарӣ нишинанд”?***

A) Ҷон Кеннеди
B) Мартин Лютер Кинг
C) Маҳатма Ганди
D) Ҷамол Абдуносир

**23. Сиёсати иқтисодии Роналд Рейган аз сиёсати иқтисодии пешгузаштагонаш чӣ фарқ дошт?**

A) дастгирии ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ
B) кам намудани хароҷот барои мудофиа
C) зиёд намудани хароҷот барои мудофиа
D) фаъол гардонидани рушди соҳибкорӣ

**24.** **Сухан ба кӣ тааллуқ дорад:** ***“Ман ҳарчи фаъолтар роҳҳои наздик шудан ба паймони коммунистӣ бо мақсади расидан ба ҳамзистии осоишта бо Шимол ва дар ниҳоят муттаҳид сохтани Кореяро ҷустуҷӯ менамоям”?***

**A)** Мао Сзедун **B)** Ро Дэ У **C)** Ким Ир Сен **D)** Ким Чен Ир

**25.** **Роҳбари инқилоби Куба кӣ буд?**

**A)** Фулхенсио Батиста
**B)** Эрнесто Че Гевара
**C)** Фидел Кастро Рус
**D)** Раул Кастро

**1. Вақф ҳамчун шакли заминдорӣ:** таърихи пайдоиш (1), намуд (2), моликон(3), истифодаи даромади замини вақф (4) ва аҳамияти он (5).

1.______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________ (то 2 хол)

2.______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________ (то 2 хол)

3.______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________ (то 2 хол)

4.______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________ (то 2 хол)

5.______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________

______________________________________________ (то 2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 10.

**2. Ҷадвалро пур кунед.**

| **Девони давлати Сомониён** | **Вазифа(ҳо)** | **Хол** |
|---|---|---|
| Ҳоҷиби Бузург | | 1 |
| Соҳиб-ул-барид | | 1 |
| Муставфӣ | | 1 |
| Амд-ул-мулк | | 1 |
| Соҳибушрот | | 1 |
| Муҳтасиб | | 1 |
| Мушриф | | 1 |
| Қозӣ | | 1 |
| Мулкҳои давлатӣ | | 1 |
| Вақф | | 1 |

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 10.

**3. Шӯриши Восеъ ва оқибати он:** сабабҳо (1), баҳона (2), оғоз (3), раванд (4) ва натиҷаи шӯриш (5).

1.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

2.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

3.____________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

4.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

5.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 10.

**4. Аҳамияти воқеаи таърихии 27-уми июни соли 1997 дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол:** рӯйдод (1), мақсади он (2), барои расидан ба ин рӯз кадом тадбирҳо андешида шуд (3), таҳлил (4), аҳамияти он барои ҷомеаи ҷаҳонӣ (5).

1.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

2.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

3.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

4.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

5.____________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
____________________________________________________________________ (то 2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 10.

**5. Мафҳумҳоро шарҳ диҳед:**

1. Авторитаризм ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)
2. Агрессия ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)
3. Блокада ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)
4. Генотсид ____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)
5. Гуманизм____________________________________________
____________________________________________ (то 2 хол)

! Холи имконпазири ҳадди аксар – 10.